ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Юсуфзода Фаридун Асадулло дар мавзуи: «Проблемаҳои институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикиситон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) (ш. Душанбе, 2026 сол)

Дар шароити муосири рушди давлатдорӣ ва такмили низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таъмини тавозуни манфиатҳои давлат ва шахс, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин баланд бардоштани самаранокии мубориза бар зидди ҷинояткорӣ аҳаммияти махсус касб менамояд. Дар ин замина, институти доғи судӣ ҳамчун яке аз унсурҳои муҳими ҳуқуқи ҷиноятӣ мавқеи хос дошта, на танҳо бо татбиқи ҷазо, балки бо вазъи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии шахси маҳкумшуда дар давраи баъдӣ робитаи зич дорад. Оқибатҳои доғи судӣ, ки дар маҳдуд гардидани ҳуқуқу озодиҳои шахс ифода меёбанд, зарурати таҳқиқи амиқи асосҳои ҳуқуқӣ ва ҳудуди татбиқи онҳоро ба миён оварда, ба масъалаи таъмини кафолатҳои ҳуқуқи инсон ва пешгирии сӯиистифода аз ваколатҳои ҷазодиҳанда аҳаммияти махсус медиҳанд.

Дар ин замина, аҳаммияти таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф масъалаҳои марбут ба институти доғи судиро ба таври мустақилона ва ҳамаҷониба мавриди таҳлил қарор додааст. Саҳми шахсии муаллиф дар он ифода меёбад, ки дар асоси омӯзиши қонунгузорӣ амалкунанда, таҳлили муқоисавии қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва ҷамъбасти адабиёти илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ-амалии муаллифӣ таҳия гардидаанд.

Муаллиф тавонистааст мавқеи илмии худро нисбат ба масъалаҳои баҳсталаби назариявӣ, аз ҷумла моҳияти ҳуқуқии доғи судӣ, ҷойгоҳ ва нақши он дар низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин оқибатҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ва умумиҳуқуқии он асоснок намояд. Ҳамзамон, дар таҳқиқ

пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати такмили меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд, ки метавонанд барои рушди минбаъдаи қонунгузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ истифода шаванд.

Тарзи баёни мавод, пайдарпайии мантиқии таҳлил ва истифодаи усулҳои гуногуни таҳқиқ гувоҳи он мебошанд, ки натиҷаҳои бадастомада маҳсули фаъолияти мустақилона ва эҷодии муаллиф буда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии онҳо шубҳае ба вуҷуд намеорад.

Бо вуҷуди арзиши илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқоти анҷомдодашуда, дар автореферати диссертатсия баъзе норасоиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, ба андешаи мо, дар таҳқиқ масъалаҳои марбут ба тартиби бардоштани доғи судӣ истифодаи маводи амалияи судӣ ба таври кофӣ васеъ ба роҳ монда нашудааст. Дар ҳоле ки таҳлили қарорҳо ва таҷрибаи судҳо метавонист ҷанбаҳои амалии татбиқи ин институтро боз ҳам равшантар нишон диҳад ва асоснокии хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллифро таҚвият бахшад.

Ба андешаи мо, ҷалби васеътари маводи амалияи судӣ, махсусан вобаста ба масъалаҳои бардоштани доғи судӣ, имкон медод, ки мушкилоти воқеии ҳуқуқтатбиққунӣ амиқтар ошкор гардида, тавсияҳои пешниҳодшуда бештар хусусияти амалӣ касб намоянд.

Бо вуҷуди эродҳои зикршуда, онҳо хусусияти ҷузъӣ дошта, ба арзёбии умумии сатҳи илмӣ ва аҳаммияти натиҷаҳои таҳқиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Дар хулоса бояд таъкид намуд, ки эродҳои дар тақриз иброзгардида аз лиҳози моҳият хусусияти баҳсии илмӣ дошта, бинобар ин ба арзёбии умумии сатҳи илмӣ ва аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи Юсуфзода Фаридун Асадулло таъсири манфӣ намерасонанд.

Хулоса: тибқи муҳтавои автореферат, диссертатсияи Юсуфзода Фаридун Асадулло ба талаботе, ки нисбат ба диссертатсияҳои дараҷаи доктори фалсафа (PhD) муқаррар гардидаанд, ҷавобгӯ мебошад. Дар он хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии асоснок таҳия шудааанд, ки ба такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани самаранокии амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар самти танзими институти доғи судӣ, аз ҷумла масъалаҳои оқибатҳои ҳуқуқӣ, барҳам хӯрдан ва бардоштани он равона гардидаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Аз ин лиҳоз, муаллифи он – Юсуфзода Фаридун Асадулло сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030300 – фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) дониста мешавад.

Такриздиҳанда: мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ
ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент **Қаҳорзода Н.М.**

Имзои **Н.М. Қаҳорзодаро** тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДДҲБСТ
“01» апрели **с. 2026** **Бобоев А.Х.**

Суроғa: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 17, бинои 1.
Телефон: +992 (3422) 2-38-11
Факс: +992 (3422) 2-38-11
Сомона: http://tsulbp.tj